САЪДУЛЛО АСАДУЛЛОЕВ




# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

(шарҳи мухтасари ҳол)

АКАДЕМИЯИ ҚАМОЛИ ХУҶАНДӢ

САЪДУЛЛО АСАДУЛЛОЕВ

# Камоли Хуҷандӣ

(шарҳи мухтасари ҳол)

ХУҶАНД — 1992

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Номи пурраи шоир Қамолиддин Абӯаҳмад Муҳаммади Хуҷандист. Қамолиддин—лақаби ифтихорӣ. Абӯаҳмад—куния, Муҳаммад—ном, Хуҷандӣ—нисба. Қамол тахаллуси шоирии ӯ мебошад (1).

Хоҷа Қамол дар солҳои 1319 — 1320 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи аҳли тасаввуф по ба арсаи вуҷуд ниҳодааст. Хоҷа Қамол пас аз фаро гирифтани маълумоти муқаддамотӣ дар зодгоҳаш бо мақсади идома додани таҳсил ба шаҳри Самарқанд меояд.

Аз ғазали зерини шоир аён мегардад, ки шоирони самарқандӣ, аз қабили Бисотии Самарқандӣ, нисбат ба шоири хуҷандӣ беҳурматӣ зоҳир карда, ӯро сахт ранҷонидаанд:

Эй дил, ин бечорагию мустанадӣ то ба кай?
Чун надорӣ рӯи дармон дардмандӣ то ба кай?
Бар дили пурхуни ман бигрист имшаб чашми ҷом,
Шамъи маҷлисро бигӯ, к-ин ҳарзаҳандӣ то ба кай?
Пеши қадди ёрам, эй сарви саҳӣ шарме бидор,
Дар чаман бо пои чӯбӣ сарбаландӣ то ба кай?
Бо ту худро кард монандӣ гул аз боди ҳаво,

Гуфт дарвеши сабо, к-ин худписандӣ то ба кай?
Ғамзаи ҷодуят аз мо чанд пӯшонад назар,
Оламе кардӣ мусаххар чашмбандӣ то ба кай?
Гӯиям ҳар дам, ки берун шав зи шаҳри мо, Қамол,
Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?

Дар айёми дар Самарқанд буданаш Хоҷа Қамол бо илму адаби он рӯзгор нишасту хез доштааст ва дар маҷлисҳои шуаро ширкат меварзидааст. Мувофиқи маълумоти тазкиранигорон Қамол бо шоир Бисотии Самарқандӣ муносибати тезу тунде доштааст. Чи навъе ки устод Садриддин Айнӣ менависад, Бисотӣ шоири мағруру худписанд буда, ки ҳатто бо Қамоли Хуҷандӣ даъвои баробарӣ мекардаст. Дар ин бора С. Айнӣ менависад: «Мавлоно Бисотӣ.,. дар мақтаи як ғазал бо Хоҷа Қамоли Хуҷандӣ даъвои баробарӣ мекунад. Он мақтаъ ин аст:

Ғазалҳои Бисотиро Қамол, аз худ мадон камтар,
Ки парвардаст чун мардум ба оби дида Салмонаш.

«Аммо фарқи миёни Хоҷа Қамолу Бисотиро ҳар кас медонад, — менависад С. Айнӣ, — Бисотӣ бо як матлаъ шӯҳрат ёфт. Он матлаъ ин аст:

Дил шишаву чашмони ту ҳар гӯша барандаш,
Мастанд мабодо, ки зи мастӣ шиканандаш.

Ғайр аз матлаи мазкур байти қобили шунидаи касе аз Бисотӣ нақл накардааст» (2).

Шайх Исмоили Ҳаққӣ дар тафсири «Руҳ-улбаён» дар бораи муносибати Хоҷа Қамолу Бисотии Самарқандӣ таваққуф карда менависад, ки рӯзе Бисотӣ Қамоли Хуҷандиро дар маҳфили шоирон дида гуфтааст: «Аз куҷоӣ, аз куҷоӣ, эй лаванд?!» Қамол фавран дар ҷавоб гуфтааст: «Аз Хуҷандам, аз Хуҷандам, аз Хуҷанд!», «Вале аз сӯи адаби вай, — менависад Шайх Исмоили Ҳаққӣ, — озурдахотир гашт ва ин ҳаракати нораворо ҳамл бар мастии ӯ намуд ва гуфт: «Лобад ин шоир маст аст». Бисотӣ инро шунида фавран гуфтааст:

Сиёҳчашм асту мардумкуш хароби ғамзаи ӯям,
Аз он дар айни хушёрӣ сухан мастона мегӯям,
Сипас ба тариқи ҳаҷв гуфт:
Эй мулҳиди хуҷандӣ, риши бузург дорӣ,
В—аз ғояти бузургӣ даҳ риш метавон гуфт»
(3, 12).

Қамоли Хуҷандӣ дар ҳақиқат ҳам як марди азимҷуссаву бузургриш будааст. Худи шоир дар қитъаи зерин ба ин маънӣ чунин ишора менамояд:

Ду Қамоланд дар ҷаҳон машҳур:
Яке аз Исфаҳон, яке зи Хуҷанд.
Ин яке дар ғазал адим-ул-мисл
В—он дигар дар қасида бемонанд.

Филмасал дар миёни ин ду Камол
Нест фарқе магар ба мӯе чанд.

«Ба мӯе чанд» ишора ба риши бузургаш мебошад.

Камол якчанд муддат дар шаҳри Тошкент зиндагӣ кардааст. Сабаби ба ин шаҳр рафтану зиндагӣ ихтиёр кардани шоир маълум нест. Дар ин бора дар китоби «Ҳабиб-ус-сияр» Ғиёсиддин Муҳаммади Хондамир мефарояд: «Аз ҳазрати валоятпаноҳ Хоҷа Убайдуллоҳи Марвист, ки фармуд: «Шайх Камол чанд гоҳ дар Шош сокин мебуд ва дар ин муддат, аслан ба ҳайвонӣ рағбат наменамуд. Рӯзе волиди ман ба вай гуфт, ки чӣ шавад агар таоме, ки дар он гӯшт бошад майл фармояд? Ба ваҷҳи мутоиба фармуд, ки ҳаргоҳ ту гови худро бикушӣ мо гӯшт бихӯрем. Ва ҳол он ки падари маро гове буд дар ғояти фарбеҳӣ. Чун ин сухан бишнид филҳол говро бикушт ва таоме тартиб карда назди Шайх бурд. Шайх ҷиҳати хотири эшон миқдоре гӯшт тановул намуд» (4, 73).

Хоҷа Камол бо мақсади зиёрати хонаи Қаъба ба сафар мебарояд. Ӯ бо роҳи муқаррарии Балху Домғону Симнон нарафта, бо роҳи пурхатари Хоразм раҳсипор мегардад. Дар ашъори шоир ин маънӣ инъкос гардидааст, чунончи дар байти зерин ба Хоразм ишора карда гуфтааст:



Ман, ки Хоразм гирифтам ба суханҳои ғариб,
Набувад майли Ироқу ҳаваси Табрезам.

Пас аз муддате зиндагӣ кардан дар Хоразм, шоир боз роҳи Маккаро пеш мегирад. Гузари ӯ ба шаҳри Табрез меафтад. Боду ҳавои Табрез ба мизоҷаш созгор омада, дар он ҷо зиндагӣ ихтиёр мекунад. Дар ибтидо ӯ дар маҳаллаи Абдуллоҳи Ҷуббочӣ зиндагӣ мекунад. Баъди дар байни халқ шӯҳрат пайдо карданаш Султон Ҳусайни Ҷалоирӣ ба зиёрати ӯ омада дар Волиёнкӯӣ барояш боғу манзил месозад, чунончи худи шоир мегӯяд:

Гар гӯшае бисозад Султон Ҳусайн моро,
Дар қалби шаҳр набваз касро ба мо низое.
Бо мутрибони хушгӯ ҳар субҳу шом бошад,
Дар гӯшаи «Ҳусайнӣ» «Ушшоқ»-ро самое.

Ҳаёти осудаи Хоҷа Камол дар Табрез соли 1385 қатъ мегардад. Дар ин сол хони Олтинӯрда— Тӯхтамишхон ба Табрез ҳуҷум мекунад. Дар байни ашъори шоир бахшида ба ин воқеа чунин қитъа мавҷуд аст:

Гуфт Фарҳод — оқо ба Мирвалӣ,
Ки «Рашидия»-ро кунем обод.
Зар ба табрезиён ба оҷуру санг,
Бидиҳем аз барои ин бунёд.
Буд мискин ба шуғли кӯҳканӣ,
Ки зи мӯрони кӯҳу дашт зиёд.
Лашкари подшоҳ Тӯхтамиш,
Омаду ҳотиф ин нидо дардод:

«Лаъли Ширин ба коми Хусрав шуд,
Кӯҳ беҳуда меканад Фарҳод».

Тӯхтамиш Камоли Хуҷандиро дар қатори дигар ғаниматҳо, бо худ ба пойтахташ шаҳри Сарой мебарад. Ҳаёти Камол дар Сарой бад намегузаштааст. Далели ин иддао суханони зерини худи шоир шуда метавонанд. Ӯ мегӯяд:

Бӯстонест Сарой аз гили он рӯй, Камол,
Ба Сарой омадӣ, эй булбули хушгӯ, бисарой.

Ё худ:

Агар Сарой чунинаасту дилбарони Сарой,
Биёр бода, ки ман фориғам зи ҳарду сарой!

Шоир ба шаҳри Табрез дилбастагӣ дорад аз ҳамин сабаб дар ғурбат орзӯи ба ин шаҳр бозгаштанро карда гуфтааст:

Табрез маро ба ҷои ҷон хоҳад буд,
Пайваста маро вирди забон хоҳад буд,
То дарнакашам оби Чарандобу Гаҷил,
Сурхоб зи чашми ман равон хоҳад буд.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ин рубоӣ дар ягон нусхаи қадиму мӯътабари девони Камол мавҷуд нест. Аммо дар тазкираҳо ба номи шоир омадааст. Мувофиқи маълумоти тазкиранигорон, ба мисли Давлатшоҳи Самарқандӣ (5,336 — 370).

Тақиуддин Муҳаммад Зикрии Кошонӣ (6, 38), Лутфалибеки Озар (16) ва дигарон Камол дар шаҳри Сарой чор сол мондааст. Давлатшоҳи Самарқандӣ менависад: «Ва Шайх баъд аз чаҳор сол аз шаҳри Сарой



берун шуд ва азимати Табрез намуд» (5,363).

Соҳиби тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» низ чунин ақида дорад. Ӯ мегӯяд: «Баъди чаҳор сол бо ҳамроҳии яке аз муридон аз шаҳри Сарой гурехт ва ба шаҳри Табрез омад» (6,38).

Маълумоти тозаи ба дастрасида собит менамояд, ки Камол дар шаҳри Сарой ёздаҳ сол мондааст. Дар ин бора Ҳофиз Ҳусайни Қарбалоии Табрезӣ дар китоби «Равзот-ул-ҷинон в—ал-ҷаннот-ул-ҷинон» чунин менависад: «Камол то муддати санаи 798 он ҷо мебошад, чунончи ёздаҳ сол он ҷо буда бошанд»., (7,494).

Дурустии қавли муаллифро ду санади зерин тасдиқ менамояд.

Аввал:

Дар китобхонаи Остони қудси шаҳри Машҳад (Эрон) қадимтарин нусхаи дастнависи девони Камоли Хуҷандӣ нигоҳ дошта мешавад, ки дар дебочаи насрии он роҷеъ ба шарҳи аҳволи шоир маълумоти ниҳоят қимматноке дарҷ шудааст. Хусусияти ин нусхаро тавсиф намуда, олими шаҳири муосири Эрон марҳум Аҳмад Гулчини Маонӣ менависад: «Нусхаест нафису мумтоз, ки дар ҳаёти шоир танзим гардида ва ҷомеи девон дебочаи мулассале бар он нигошта, ки дар нусхаҳои дигар дида нашуда., Як нуқтаи муҳими таърихӣ, ки дар ин дебоча ҳаст, ин аст, ки Камоли Хуҷандӣ дар фитнаву ошӯби Табрез

соли 787 ҳиҷрӣ (1385) аз он ҷо ба Сарой, пойтахти Қипчоқ нузҳат карда, пас аз ёздаҳ сол, дар соли 798 (1396) ба Табрез бозгаштааст» (8,7.497). Сонӣ: Дар девони шоир ғазали зеринро дучор мекунем, ки ба муносибати ба Табрез баргаштанаш гуфта шудааст:

Биҳамдиллаҳ, ки дигар бор рӯи дӯстон дидам,
Чу булбул мекунам мастӣ, ки боғу бӯстон дидам.
Ман он мурғи хушилҳонам, ки берун аз қафас худро,
Ба иқболи баҳор эмин зи ташвиши хазон дидам.
Фалак гар тофт рӯй аз меҳру баргардид аз ёрӣ,
Фаромӯшам шуд он ҳарду, ки ёри меҳрубон дидам.
Муроди ман миёни ёр буд он дар канор омад,
Миёни роҳат афтодам чу ранҷи бекарон дидам.
Шаби қадре, ки меҷустам ба хобу рӯзи некӯӣ,
Чу он рӯ дидаму он мӯ ҳам ин дидам ҳам он дидам
Замони васл, к-аз дигар замонҳо беҳ ниҳад ошиқ,
Ба рӯи дӯстон ман он замонро ин замон дидам.



Қамол он дам, ки хоҳӣ дид бо ёрон қарин худро,
Бигӯ: «Ин давлат аз юмни шаҳи соҳибқирон дидам».

Агар Тӯхтамишхон Қамолро соли 1385 бо худ ба шаҳри Сарой бурда бошад ва шоир ёздаҳ сол дар он ҷо монда бошад, соли халосии шоир ба 1396 рост меояд ва ин сол ба юриши дуюми ҳарбии Амир Темур бар зидди Тӯхтамишхон мувофиқат мекунад. Чӣ навъе ки муаллифи китоби «Хабиб-ус-сияр» хабар медиҳад, Амир Темур соли 797 — ҳиҷрӣ (1395) аз роҳи Дарбанд ба Сарой ҳуҷум меорад ва пас аз ғорату сӯзонидани шаҳрҳои Қирим ва пойтахти Тӯхтамиш — Сарой боз ба ҳамон роҳ ба Табрез баргаштааст. Хондамир мегӯяд: «Амир Темур дар ҷимод-ул-аввали соли 797 аз роҳи Дарбанд ба ҷониби дашти Қипчоқ хиромида ва бори дигар бо Тӯхтамишхон муқотила намуда ва ӯро мустаъсил гардонида ва дар авоили баҳори санаи 798 аз ҳамон роҳ ба Озарбойҷон баргашта» (9,Ш,396).

Ба қавли соҳиби китоби «Равзот-ул-ҷинон в-ал-ҷаннот-ул-ҷинон»,. Амир Темур бар сари Тӯхтамишхон меравад ва Саройро ғорат мекунад ва ҳазрати Шайхро (Қамоли Хуҷандиро С. А.) ба Табрез меорад».

Дар шеъри дар боло овардашуда ҳам, шоир халосии худро «аз юмни шаҳи соҳибқирон» донистааст:

Қамол он дам, ки хоҳӣ дид бо ёрон қарии
худро,
Бигӯ: «Ин давлат аз юмни шаҳи соҳибқирон
дидам».

Чӣ навъе, ки маълум аст Амир Темур лақаби «соҳибқиронро» дошт ва аксарияти таърихнигорони муосираш ва асрҳои минбаъда ӯро бо ин лақаб ёд кардаанд, чунончи соҳиби китоби «Равзат-ус-сафо» вайро чунин муаррифӣ мекунад: «Гуфтор дар лашкар кашидани ҳазрати соҳибқирон ба ҷониби шимол ва вуқӯи муҳорибаи бузург бо Тӯхтамишхон охири зимистон» (10, 6, 91).

Дар асоси далелҳои овардашуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Хоҷа Қамол бо нияти зиёрати хонаи Қаъба ба сафар баромада, муддате дар Хоразм ва Табрез зиндагӣ кардааст, то ӯро соли 1385 Тӯхтамишхон бо худ ба Сарой бурдааст. Дар байни ашъори шоир ҳеҷ ишоҳаҷ рафтани ӯ изҳор шудааст. Вай мегӯяд: шоир байти зерин дучор меояд, ки нияти ба рае ба ҳаҷ карданаш нест. Дар байни осори

Рафт овоза, ки имсол ба ҳаҷ рафт Қамол,
Бас муборак сафаре чун ту ба ӯ ҳамсафарӣ.

Аммо, такрибан ҳамаи тазкиранависон бо Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳамовоз шуда мегӯянд: «Шайх ба азимати Байтуллоҳ аз Хуҷанд ба саёҳат берун омад ва баъд аз зиёрати Қаъбаи муаззама ба диёри Озарбойҷон афтод ва дар он шаҳри ҷаннатмисол



мутаваттин гашт» (5, 363).

Агар дар ҳақиқат ҳам Қамол зиёрати хонаи Қаъбаро карда мебуд, он албатта дар эҷодиёташ қайд мешуд. Чӣ навъе ки аз шарҳи холаш аён мегардад, шоир имконияти амали гардонидани орзуяшро пайдо накардааст.

Агар ба зиёрати хонаи Қаъба мушарраф шудани Хоҷа Қамол ҳақиқат медошт дар дебочаи насрии девони шоир, ки аз тарафи мусоҳибаш навишта шудааст, қайд мешуд.

Хоҷа Қамол дар шаҳри Сарой ёздаҳ сол мондааст, ки онро ба хато тазкиранависону таърихнигорон чор сол навиштаанд. Вобаста ба айёми дар Сарой будани Қамол дар тазкираи «Оташкада» воқеае сабт шудааст, ки дар ҳақиқат ба шоири хуҷандӣ муносибате надорад. Мувофиқи маълумоти тазкираи «Оташкада» гӯё Қамол боре дар Қалъаи Санг ҳабс шуда дар он ҷо рубоии зеринро гуфтааст:

Қай бошад аз ин танг бурун омаданам,
Ном аст аз ин нанг бурун омаданам.
Гӯӣ, магар аз санг бурун меояд?
Парвонаи аз Санг бурун омаданам.

Шубҳанок будани ин масъаларо гӯшзад карда устод С. Айнӣ чунин навишта буд: «..Ин нукта ҳам дар тарҷумаи аҳволи Қамол як нуқтаи сарпӯшида аст, ки бояд дар тафтишоти оянда сар ва сирри ин нукта кушода шавад» (11, 11, 231). Бояд қайд кард, ки рубоии мазкур дар ягон нусхаи дастнависи де-

вони шоир дучор намеояд. Хоҷа Камол пас аз бозгаштанаш аз шаҳри Сарой боз дар ҳамон боғу манзили худ дар Волиёнкӯй зиндагӣ мекунад. Шоир ба манзили дар Волиёнкӯй доштанаш (ҳамон боғу манзиле, ки бароят Султон Ҳусайн Ҷалоирӣ сохта буд) дилбастагии тамом доштааст ва хатто ба он «биҳишт» ном ниҳодааст:

Аз биҳишти худои аззу ва ҷал,
То ба Табрез ним фарсанг аст.

Таърихи вафоти Камол дар тазкираҳо ба тарзи мухталиф қайд шудааст, чунончи дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (5), «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар (16), «Риёз-ул-орифин»-и Ризоқулихони Ҳидоят (12), «Қомус-ул-аълом»-и Шамсиддини Сомӣ (13) санаи 792 ҳиҷрӣ (1391), дар «Маҷолис-ул-ушшоқ» (14) санаи 808 ҳиҷрӣ (1405 ва дар дигар манбаъҳо аз қабили ьНафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (15) «Ҳабиб-ус-сияр»-и Ғиёсиддин Хондамир (4), «Равзот-ул-ҷинон ва в-ал-ҷаннот-ул-ҷинон»-и Ҳофиз Хусайни Карбалоии Табрезӣ (7), «Соми-ул-асоми»-и Мулло Ҳашрӣ (3) санаи 803 ҳиҷрӣ (1400) сабт шудааст. Дурустии санаи охирро моддаи таърихи вафоти шоир «Зиҳӣ офтоби бадри Камол» (803) ва «Манбаи ҳусни моҳтоби ҷамол» (803) ва қитъаи зерини Хоҷа Абдураҳими Хилватӣ (ваф. 1455) тасдиқ менамояд.

Орифи ҳақшинос Шайх Камол,
Ки ҷаҳонро ба шеъри тар бигруфт.



То сухан аз даҳон бурун афтод,
Кас сухан мисли он бузург нагуфт.
Ҳаштсаду се гузашт, к-он хуршед,
Ҳамчу маҳ дар саҳоби ғайб нуҳуфт.

Дар маҳалли қабри шоир низ ихтилофи ақида ба назар мерасад, чунончи соҳиби «Оташкада» (16) қабри ӯро дар Язд нишон додааст. Проф. Х. Мирзозода (17, 203) қабри шоирро дар «Мақбарат-уш-шуаро», дар шаҳри Табрез нишон медиҳад.

Қабри Хоҷа Камол дар Волиёнкӯи Табрез дар манзили худи шоир аст, ки акнун бо номи «Мазори Шайх Камол» машҳуру маъруф аст.

## АДАБИЁТ

1. Саъдулло Асадуллоев, Ному лақабҳо ва кунияи Камоли Хуҷандӣ (маҷаллаи «Илм ва ҳаёт», № 4, 1991).

2. С. Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик, М. 1926.

3. Девони Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ, ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Азизи Давлатободӣ, бо муқаддима ва ҳавоши ва таълиқот, Табрез, 1337 шамсӣ.

4. Риҷоли китоби «Ҳабиб-ус-сияр» аз ҳамлаи муғул то марги Шоҳ Исмоили аввал, гирдовардаи Абдулҳусайни Навоӣ, Теҳрон, 1324 шамси.

5. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-

шуаро» ба таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ, Теҳрон, 1958.

6. Тақиуддин Муҳаммад Зикрии Қошонӣ. Хулосат-ул-ашъор ва зубдат—ул—афкор. Нусхаи дастнависи рақами 321 китобхонаи давлатии ба номи С. Шедрини ш. Ленинград.

7. Ҳофиз Ҳусайни Қарбалоии Табрезӣ. Равзот-ул-ҷинон в—ал—ҷаннот—ул—ҷинон. Тасҳеҳ ва таълиқи Ҷаъфар Султони Ал-қурой. Ҷузъи аввал, Теҳрон, 1344 шамсӣ.

8. Феҳристи кутуби хаттиии китобхонаи Остони қудси Ризавӣ, ҷ. 7, таълифи Аҳмад Гулчини Маонӣ, Тӯс-Машҳад, 1346 шамсӣ.

9. Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афрод-ил-башар. Таълифи Ғиёсиддин бинни Ҳумомиддини Хондамир. ҷ. 3. Теҳрон, 1333 шамсӣ.

10. Садриддин Айнӣ. Куллиёт, ҷ. 11, китоби якӯм, Душанбе, 1963.

11. Равзат-ус-сафо. Таълифи Мирхонд Муҳаммад ибни Ховандшоҳ, ҷ. 6, Бамбай, 1263 ҳиҷрӣ,

12. Риёз-ул-орифин. Таълифи Ризоқулихони Ҳидоят. Ба кӯшиши Меҳралии Гургонӣ, Теҳрон, 1344 шамсӣ.

13. Қомус-ул-аълом. Таълифи Шамсиддини Сомӣ, ҷ. 1У, Истамбул, 1314 ҳ. қ.

14. Маҷолис-ул-ушшоқ. Таълифи Амир Қамолиддин Ҳусайнии Табсӣ, Қонпур, 1314 ҳ. қ.



15. Нафаҳот-ул-унс. Таълифи Абдураҳмони Ҷомӣ, нусхаи хаттии ин ҷониб.

16. Оташкада. Таълифи Лутфалибеки Озар, Бамбай, 1299 ҳ. қ.

17. Х. Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик, китоби П, Душанбе, 1977,

1 СУМ.

Матбааи вилояти Ленинобод. Супориши 8995 адади нашр 1500 ба чоп иҷозат дода шуд 10.1.92 с.